**Тақриз**

**ба автореферати кори диссертатсионии Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи “Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

“Шоҳнома”-и Фирдавсӣ яке аз бузургтарин ҳамосаҳои миллии ориёитаборон буда, дар тӯли таърих то ба имрӯз асаре ҳампояи он ба миён наомадааст. Ин асари калонҳаҷм аз нигоҳи мундариҷа шомили мавзӯъҳои мухталифест, аммо масъалаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар он ҷойгоҳи хосса дорад, ки ин хусусият арзиши илмиву адабии асарро бештар мегардонад. Барои ба таври дақиқ нишон додани ин ҷанбаи муҳимми “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таваҷҷӯҳ ба достонҳои ҷудогонаи таркиби он ва мавриди баррасии амиқ қарор додани онҳо зарур аст. Кори диссертатсионии Азизов Комил Ҷурахонович дар амалӣ шудани ин мақсади наҷиб кӯмак хоҳад кард.

Перомуни паҳлӯҳои ҷудогонаи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёде сурат гирифтаанд. Пеш аз Азизов Комил Ҷурахонович ин асар таваҷҷӯҳи даҳҳо муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Оид ба баъзе ҷиҳатҳои достон В.В. Бартолд, И.С. Брагинский, М. Раҷабов, А.А. Ромаскевич Е.Э. Бертельс, Шиблии Нӯъмонӣ, Забеҳулло Сафо, Қадамалии Сарромӣ, Муҳаммади Мухторӣ, Холиқ Мирзозода, Худойӣ Шарифов, С. Аҳмадов ва дигарон андешаҳои судманд баён кардаанд, аммо то ҳанӯз масъалаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар достони мазкур комилан омӯхта нашуда ва таҳлили яклухту монографии онро касе ба ӯҳда нагирифта буд.

Муҳимтарин ҷанбаи арзишманди кори Азизов Комил Ҷурахонович дар он аст, ки он аз навоварӣ ва пешниҳодоти ҷолиби илмӣ бархӯрдорӣ дошта, аввалин бор масъалаи ифтихороти миллӣ ва давлатдорӣ аз лиҳози фалсафӣ таҳлил шудааст. Он аз сарсухан, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима бо далелҳои мушаххас мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок шудааст. Фарзияҳо, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мушаххас гардида, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот баён ёфта, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ошкор гардида, нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, оварда шуда, сохтори кор нишон дода шудааст.

Боби якуми рисола "Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои иҷтимоиву ғоявии афкори Абулқосим Фирдавсӣ" унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст, ки ба масоили заминаҳои назариявию методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ, моҳият, хусусиятҳо ва самтҳои инкишофи ифтихори миллӣ дар шароити муосир, заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии ташаккули афкори Фирдавсӣ оид ба сулҳу амонӣ ва ифтихори миллӣ, Авасто ҳамчун сарчашмаи асосии ташаккули афкори иҷтимоиву сиёсии Фирдавсӣ бахшида шудааст.

Боби дуюм "Таҷассуми давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои мухталифи сулҳу амният, роҳу воситаҳои таъмини бехатарӣ, ифтихори миллӣ, усулҳои давлату давлатдорӣ ва "Шоҳнома" ҳамчун асари тарғиботии ифтихори миллӣ ва давлату давлдатдорӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои кор ҷамъбаст гардида, тарҳи таҳқиқоти оянда дар ин самт муқаррар карда шудааст. Натиҷаҳое, ки аз равиши таҳқиқ ба даст омадаанд, аз нигоҳи таҳлили мукаммали фалсафӣ ҷадид мебошанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи “Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” кори анҷомёфта маҳсуб шуда, бар асоси меъёрҳо ва талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор аст.

**Муқарриз:**

**Мудири кафедраи кори иҷтимоии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикстон** **н.и.ф. Муллобоева Д.А.**

**Имзои Д.А. Муллобоеваро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Ш. Тавқиев**